Касе аз шумо имон намеорад то он даме, ки ҳавову ҳавасашро пайрави он чизе, ки ман овардаам бигардонад

Аз Абуабдуллоҳ ибни Амр ибни Ъос (разияллоҳу анҳумо) ривоят аст, ки Паёмбар (Саллалоҳу алайҳи ва саллам) фармуданд: "Касе аз шумо имон намеорад то он даме, ки ҳавову ҳавасашро пайрави он чизе, ки ман овардаам бигардонад".
[قال النووي: حديث صحيح] [رويناه في كتاب الحجة بإسناد صحيح]

Паёмбари Худо (Саллаллоҳу алайҳи ва саллам) баён карданд, ки инсон дорои имони комил ва воҷиб намегардад, магар вақте ки муҳаббати ӯ мутобиқи он чи Паёмбар (Саллаллоҳу алайҳи ва саллам) овардааст, аз амрҳо, наҳйҳо ва дигар чизҳо, бошад. Яъне, бояд он чи ӯ амр кардааст, дӯст бидорад ва он чи наҳй кардааст, бад пиндорад ва аз он дур бошад.

http://www.sunnah.global/hadeeth/tg/show/66535